**“Тасдиқ шудааст”**
Бо қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
№ 11, аз «14» ноябри 2024с.

# Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ

Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ (минбаъд - Тартиб) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» (минбаъд - Қонун) таҳия гардида, тартиби аз ҷониби Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд - Хазина) пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзии узви Хазина, аз ҷумла иштироки мудири махсус, барҳамдиҳанда ва бонк-агентро дар ташкили пардохти ҷубронпулии суғурта муайян менамояд.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **низоми суғуртаи амонату пасандозҳо** – ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, ки аз ҷониби Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ равона шудааст;
- **пасандозҳои суғурташуда** – маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳое, ки тибқи Қонун объекти ҳатмии суғурта мебошад;
- **пасандоздор** – шахси воқеӣ, аз ҷумла соҳибкори инфиродӣ, инчунин шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми содакардашудаи баҳисобгириро истифода мекунанд ва бо ташкилоти қарзӣ шартномаи пасандози бонкӣ ё шартномаи суратҳисоби бонкӣ бастаанд;
- **ҷубронпулии суғурта** – маблағе, ки пасандоздор ба гирифтани он мутобиқи Қонун ҳангоми фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ҳуқуқ дорад;
- **ҳолати суғуртавӣ** – барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ тибқи қарори суд бе асосҳои муфлисшавӣ ё бо асосҳои муфлисшавӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ", ки сабаби ба вуҷуд омадани уҳдадории Хазина оид ба ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда мегардад;
- **барҳамдиҳии маҷбурӣ** – барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ бидуни асоси муфлисшавӣ, ки иҷозатномаи вай тибқи қонунгузории бонкӣ бозхонд шудааст ва барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ, ки иҷозатномаи вай бо сабаби муфлис шудан бозхонд шудааст;
- **барҳамдиҳанда** - шахси дорои шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистон, ки бо қарори суд барҳамдиҳии ташкилоти қарзиро бе асосҳои муфлисшавӣ анҷом медиҳад;
- **мудири махсус** – шахси дорои шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистон, ки бо қарори суд барҳамдиҳии ташкилоти қарзиро аз рӯи асосҳои муфлисшавӣ анҷом медиҳад;

- **бонк-агент** – ташкилоти қарзӣ, ки тавассути он Хазина ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон мувофиқи Қонун ва Тартиби мазкур пардохт мекунад;

- **созишномаи агентӣ** – созишнома байни Хазина ва бонк-агент, ки тибқи он бонк-агент ӯҳдадор мешавад аз ном ва аз ҳисоби Хазина пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорони суғурташудаи ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта амалӣ намояд;

- **ҳуҷҷатҳои муайянкунанда** – ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда ва тасдиқкунандаи пасандоздор, ки ба он тааллуқ дорад: ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият (шиноснома, шаҳодатнома ва ғ.), ваколатномаи бо тариқи нотариалӣ тасдиқшуда; шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ва васият, васиятнома; шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ оид ба ҳиссаи мерос (ҳуқуқ ба пасандоз); шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ дар ҳиссаи амвол; санадҳои судӣ (дар бораи эътирофи ворис ва гирифтани ҳиссаи мероси ба ӯ тааллуқдошта, тақсими мерос, қабули мерос аз ҷониби ворис, муайян намудани ҳиссаи меросҳо (дар бораи ҳиссаи ҳатмии меросхуранда) ва дигар санадҳои судӣ); ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ҳуқуқи ворисро барои гифтани ҷубронпулии суғурта тасдиқ менамояд, хати вафотӣ пасандоздор дар ҳолате, ки шарти пардохти маблағ ба шахси муайян дар шартномаи бонкии пасандозӣ изҳор шуда бошад;

- **Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта (Феҳристи пасандоздорон)** – маълумот оид ба пасандоздорон, ки ӯҳдадориҳои ташкилоти қарзиро дар назди пасандоздор бо таносуби талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор инъкос намуда, бо мақсади баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда ва муайян намудани маблағи ҷубронпулии суғуртавии ба пасандоздорон пардохтшаванда аз ҷониби ташкилоти қарзӣ тартиб дода мешавад;

- **аризадиҳанда** – пасандоздор, ки дар Феҳристи пасандоздорон ба қайд гирифта шудааст, намояндаи қонунии пасандоздор (волидайн, фарзандхонд, васӣ, парастор ва шахсони онҳоро ивазкунанда), намояндаи пасандоздор бо ваколатномаи тариқи нотариалӣ тасдиқшуда, меросгири (ворисi) пасандоздор, намояндае, ки аз номи шахси ҳуқуқӣ бе ваколатнома амал карданро дорад, мудир, ки аз ҷониби суд барои гузаронидани расмиёти муфлисшавии соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ таъин шудааст, шахси дигар бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқ барои гирифтани ҷубронпулии суғурта, ки бо ариза барои пардохти ҷубронпулии суғурта муроҷиат менамояд;

- **мушаххаскунӣ (идентификатсия)** – тартибе, ки дар натиҷаи иҷрои он субъекти муроҷиаткунанда бо мушаххасоти инфиродӣ ва ягонаи дар низоми иттилоотӣ бақайдгирифташуда мушаххас карда мешавад ва тасдиқ меёбад. Барои иҷрои тартиби мушаххаскунӣ дар низоми иттилоотӣ ба муштарӣ пешакӣ бояд мушаххасоти дахлдор дода шавад (яъне, муштарӣ дар низоми иттилоотӣ бояд ба қайд гирифта шавад);

- **аутентификатсия** – раванди тасдиқи аслият тавассути муқоиса намудани гузарвожаи дохилнамудаи истифодабаранда бо гузарвожа дар низоми иттилоотӣ;

- **воситаи электронии пардохтӣ** – восита ва (ё) усуле, ки ба муштарии таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ барои таҳия, тасдиқ ва додани фармоиши пардохтӣ бо мақсади интиқоли маблағ дар доираи шаклҳои истифодашавандаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҳомили электронии иттилоот, аз ҷумла корти пардохтии бонкӣ ва дигар таҷҳизоти техникӣ имкон медиҳад.

2. Ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ Хазина ба пасандоздорон маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳои суғурташударо дар ташкилоти қарзӣ тибқи андозаи дар моддаи 22 Қонун муқарраршуда ҷуброн менамояд.

3. Агар пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ якчанд суратҳисоби амонату пасандозӣ дошта бошад, он гоҳ ин суратҳисобҳо ҳамчун як суратҳисоби пасандозӣ дониста шуда, ҷубронпулӣ дар асоси андозаи умумии маблағи дар суратҳисобҳои амонату пасандозӣ мавҷудбуда ва на зиёда аз андозаи дар Қонун муқарраршуда пардохт карда мешавад.

4. Агар ҳолати суғуртавӣ дар якчанд ташкилоти қарзӣ фаро расад, ки дар онҳо пасандоздор суратҳисобҳои амонату пасандозӣ дорад, онгоҳ андозаи ҷубронпулии суғурта барои ҳар як ташкилоти қарзӣ алоҳида ҳисоб карда мешавад.

5. Амонату пасандозҳое, ки дар суратҳисоби муштараки ташкилоти қарзӣ нигоҳ дошта мешаванд, ҳамчун як амонату пасандоз дониста мешаванд ва ҷубронпулии суғурта ба соҳибони суратҳисоби амонату пасандоз бо ҳиссаҳои баробар ё ҳиссаҳое, ки байни онҳо мувофиқа шудааст, пардохт карда мешавад. Агар соҳиби суратҳисоби муштараки амонату пасандоз дар ташкилоти қарзӣ ҳисоби дигари амонату пасандоз дошта бошад, он гоҳ маблағи ҳиссаи пасандоздори амонату пасандози муштарак бо маблағи дигари ҳисоби амонату пасандоз якҷоя карда, ҳамчун як амонату пасандоз дониста мешавад.

6. Фоизҳои амонату пасандозҳо аз ҷониби Хазина ҷуброн карда намешаванд. Агар тибқи шартномаи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ сармоякунонии фоизҳо пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ ҷубронпулӣ аз рӯйи маблағи бақияи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ пардохт карда мешавад.

7. Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта аз ҷониби Хазина дар асоси талаботи Қонун ва Тартиби мазкур аз ҳисоби захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташудаи Хазина мувофиқи Феҳристи пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда амалӣ карда мешавад.

## 2. Тартиби пешниҳоди Феҳристи пасандоздорон аз ҷониби мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда ба Хазина

8. Мудири махсус ё барҳамдиҳандаи ташкилоти қарзии барҳамхӯрда дар муддати 5 рӯзи корӣ аз рӯзи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ба Хазина Феҳристи пасандозоронро, ки тибқи талаботи санадҳои меъёрии Хазина тартиб дода шудааст, дар шакли хаттӣ ва электронӣ бо нишон додани маблағи ҷубронпулии суғурта аз рӯи ҳар як пасандоздор пешниҳод менамояд.

9. Феҳристи пасандоздорон бояд бо санади қабул ва супурди он, ки дар шакли хаттӣ пешниҳод мешавад, аз ҷониби мудири махсус ё барҳамдиҳанда ва сармуҳосиби ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта имзо гардида, бо мухр тасдиқ карда шавад. Ҳуҷҷати мазкур дар Хазина мувофиқи тартиби муқарраршудаи мукотибот ба қайд гирифта мешавад.

10. Феҳристи пасандоздороне, ки ба талаботи банди 9 Тартиби мазкур ҷавобгӯ намебошад, барои бақайдгирии дуруст ба мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда баргардонида мешавад.

11. Дар ҳолати аз ҷониби мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда тибқи талаботи бандҳои 8 ва 9 Тартиби мазкур пешниҳод нагардидани Феҳристи пасандоздорон, Хазина дар ин хусус санад омода менамояд. На дертар аз як рӯзи пас аз рӯзи ба охир расидани муҳлати муайяншуда, Хазина ба мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда оид ба пешниҳод накардани Феҳристи пасандоздорон огоҳинома бо талаби пешниҳоди он ирсол намуда, ба Бонки миллии Тоҷикистон ба таври хаттӣ оид ба пешниҳод нагардидани Феҳристи пасандоздорон хабар медиҳад.

12. Мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда баъди пешниҳоди Феҳристи пасандоздорон, Хазинаро тибқи моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” дар навбати қонеъ гардонидани талаботи қарздеҳон дохил намуда, маблағи ҷубронпулии суғуртаро баробар ба андозаи маблағи суғурташудаи амонату пасандозҳо, ки аз ҷониби Хазина ҷуброн карда мешавад, ҳамчун уҳдадории ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта дар назди Хазина, ба қайд мегирад.

## 3. Санҷиши Феҳристи пасандоздорон аз ҷониби Хазина

13. Ҳангоми пешниҳод гардидани Феҳристи пасандоздорон, ки ба талаботи бандҳои 8 ва 9 Тартиби мазкур ҷавобгӯ мебошад, Хазина дар асоси ҳисоботҳои ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта вазифадор аст санҷиши Феҳристи пасандоздоронро бо мақсади муайян намудани мутобиқатии он ба талаботи санадҳои меъёрии Хазина гузаронад ва аз рӯи пурра ё нопурра будани он мудири махсус ва ё барҳамдиҳандаро огоҳ намояд.

14. Дар сурати риояи пурраи талаботи Феҳристи пасандоздорон Хазина санади қабул ва супурди Феҳристи пасандоздоронро на дертар аз се рӯзи корӣ аз санаи гирифтани он ба имзо мерасонад.

15. Феҳристи пасандоздорони ба талаботи санадҳои меъёрӣ ҷавобгӯ аз ҷониби Хазина ҷиҳати корбарии минбаъда барои оғози раванди пардохти ҷубронпулӣ истифода мешавад.

16. Дар мавриди аз рӯи санҷиш мувофиқ набудани Феҳристи пасандоздорон, Хазина дар давоми се рӯзи корӣ пас аз гирифтани он, мактубро бо камбудиҳои ҷойдошта бо дарҷи зарурати мутобиқ гардонидани феҳристи мазкур ба талаботи санадҳои меъёрӣ омода намуда, ба мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда пешниҳод менамояд.

17. Мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда пас аз гирифтани мактуб оид ба камбудиҳои ҷойдошта, ба Хазина дар давоми се рӯзи корӣ тағйиру иловаҳоро ба Феҳристи пасандоздорон пешниҳод менамояд ва дар сурати рад кардани ворид намудани ислоҳи камбудиҳо ба таври хаттӣ сабаби онро нишон медиҳад.

18. Феҳристи пасандоздорони дар шакли электронӣ пешниҳодшуда ва санади қабул ва супурди Феҳристи пасандоздорон, ки дар он Хазина камбудиҳоро ошкор кардааст, аз ҷониби Хазина бойгонӣ карда мешавад. Дар мавриди ҷой доштани ҳолати баҳс оид ба маълумоти дар Феҳристи пасандоздорон пешниҳодшуда, маълумоти дар бойгонии Хазина ҷойдошташуда, шакли электронии Феҳристи пасандоздорон ва санади қабул ва супурди Феҳристи пасандоздорон ҳамчун заминаи далелӣ истифода мешавад.

## 4. Тартиби муроҷиати пасандоздорон барои гирифтани ҷубронпулии суғурта

19. Пасандоздор ё намояндаи ӯ (аризадиҳанда) ҳуқуқ дорад барои гирифтани ҷубронпулии суғурта дар давоми як соли пас аз рӯзи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонун ба Хазина муроҷиат намояд.

20. Ҳангоми муроҷиат бо талаби пардохти ҷубронпулии суғурта, аризадиҳанда бояд ҳуҷҷатҳои зеринро ба Хазина пешниҳод (замима) намояд:

- ариза оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта мутобиқи шакли аризаи аз ҷониби Хазина тасдиқшуда барои шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ тибқи замимаҳои 1, 2 ва 3 ба Тартиби мазкур;

- дар ҳолати муроҷиати шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ) – ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, ки дорои РМА (рақами мушаххаси андозсупоранда) мебошад. Ҳангоми иваз шудани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти пасандоздор, ки мушаххасоти он дар шартномаи пасандози бонкӣ, суратҳисоби амонатии бонкӣ ва дар Феҳристи пасандоздорон қайд гардидааст, маълумотномаи мақомоти ваколадор, ки ивази ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро бо дарҷи мушаххасоти ҳуҷҷати ивазшуда ва азнавдодашуда тасдиқ менамояд;

- дар ҳолати муроҷиати намояндаи шахси ҳуқуқӣ – ваколатномаи тасдиқшуда бо имзои роҳбар ва ё шахсони дигари тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба он ваколатдор ва гузоштани муҳри ташкилот (ба истиснои намояндае (намояндагоне), ки аз номи шахси ҳуқуқӣ бе ваколатнома амал карданро дорад ва маълумот оид ба ӯ дар Феҳристи пасандоздорон вуҷуд дорад), ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва маълумотнома дар хусуси оне, ки нисбат ба шахси ҳуқуқӣ расмиёти муфлисшавӣ ҷорӣ карда шудааст ё нашудааст;

- дар ҳолати муроҷиати намояндаи қонунии пасандоздор (волидайн, фарзандхондагон) – ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, нусхаи шаҳодатнома дар бораи таваллуди кӯдак, ки ба фоидаи он шартномаи суратҳисоби амонату пасандоз кушода шудааст (барои ноболиғони ба синни чордаҳ нарасида), шаҳодатномаи фарзандхондӣ (барои фарзандхондагон);

- дар ҳолати муроҷиати намояндаи қонунии пасандоздор (васӣ, парастор) – ҳуҷҷати мақоми ваколатдор дар бораи таъин гардидани васӣ (парастор);

- дар ҳолати муроҷиати меросгир – ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи ӯ ба мерос (шаҳодатнома, санади судӣ) аз рӯи амонату пасандози пасандоздори фавтида;

- дар ҳолати муроҷиати ворини ҳуқуқӣ – ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи гузашти ҳуқуқи талаб аз рӯи амонату пасандоз ба вай;

- дар ҳолати муроҷиати намояндаи пасандоздор (шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ), намояндаи меросгир, намояндаи вориси ҳуқуқӣ – ваколатномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда бо дарҷи мушаххасоти тасдиқкунандаи шахсияти пасандоздор, ки ҳуқуқи аз номи пасандоздор амал карданро барои гирифтани ҷубронпулӣ медиҳад (ба истиснои шахсе, ки аз номи пасандоздор, меросгир, вориси ҳуқуқӣ бе ваколатнома амал карданро дорад).

21. Аз рӯи амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ) ва ё ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо расмиёти муфлисшавӣ (бархамдиҳӣ ва ё шакли дигари қатъи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ) татбиқ шудааст, мудире, ки аз ҷониби суд барои гузаронидани расмиёти муфлисшавӣ таъин карда шудааст (ё намояндаи вай дар асоси ваколатнома) бо пешниҳоди ҳалномаи дахлдори суд, бо талаби пардохти ҷубронпулӣ муроҷиат мекунад.

22. Дар мавриди пешниҳод карда натавонистани ҳуҷҷатҳо дар шакли аслӣ, ки ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулии суғуртаро тасдиқ менамояд (шаҳодатномаи ҳуқуқи мерос, санадҳои судӣ ва ғ.) иҷозат дода мешавад, ки нусхаи нотариалӣ ё нусхаи аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки бо муҳри ин мақомот тасдиқ шудааст, пешниҳод карда шавад.

23. Дар сурати муроҷиати пасандоздорон - соҳибони суратҳисоби муштараки амонату пасандоз, ҳар кадоми аз онҳо ҳуқуқ доранд танҳо аз рӯи ҳиссаи дахлдори худ дар чунин суратҳисоб барои гирифтани ҷубронпулӣ ариза диҳанд, агар ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулӣ аз рӯи дигар саҳмҳои суратҳисоби муштарак ба онҳо дар асоси ваколатномаи тасдиқшудаи нотариалӣ, ки аз дигар соҳибони суратҳисоби муштарак гирифта шудааст, дода нашуда бошад.

## 5. Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта

24. Хазина дар давоми 5 рӯзи корӣ пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ва баъди аз ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта гирифтани маълумоти пурра оид ба уҳдадориҳо дар назди пасандоздорон, дар сомонаи расмии худ ва воситаҳои ахбори омма оид ба санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта, ҷой, вақт, тартиб ва мӯҳлати пардохт ё ин ки тамдиди санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта эълон интишор намуда, нусхаи онро ба ташкилоти қарзӣ барои нашр ирсол менамояд. Инчунин, эълон ба Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати дар сомонаи расмии худ ҷойгир кардани маълумоти мазкур ирсол карда мешавад.

25. Пасандоздор маълумотеро, ки дар банди 24 Тартиби мазкур зикр гардидааст, метавонад бевосита аз Хазина ё ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта, дастрас намояд.

26. Хазина пасандоздоронро тибқи банди 24 Тартиби мазкур дар шакли кӯтоҳ тавассути ирсоли смс-паёмакҳо ба рақамҳои телефонҳои мобилӣ, ки аз тарафи пасандоздорон ба ташкилоти қарзӣ пешниҳод гардида, дар Феҳристи пасандоздорон дарҷ шудаанд, иловатан хабардор менамояд.

27. Хазина на дертар аз 14 рӯзи пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, дар асоси Феҳристи омодашудаи пасандоздорон пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон оғоз менамояд. Санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон метавонад аз ҷониби Хазина дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон тамдид карда шавад.

28. Хазина ҷубронпулии суғуртаро пардохт мекунад ё аз бонк-агенти (намояндаи) худ талаб мекунад, ки онро ба пасандоздор пардохт намояд ё бо супориши хаттии пасандоздор ба суратҳисоби вай дар ташкилоти қарзӣ мегузаронад.

29. Ҷубронпулии суғурта аз рӯи бақияи маблағи умумии суратҳисобҳои амонату пасандозҳои суғурташудаи пасандоздор дар ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта, на бештар аз андозаи муқаррарнамудаи Қонун, бо пули миллӣ пардохт карда мешавад.

30. Амонату пасандозҳое, ки бо асъори хориҷӣ гузошта шудаанд, аз рӯи қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар рӯзи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ муқаррар карда шудааст, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд.

31. Пардохти ҷубронпулии суғурта метавонад ба таври нақдӣ ё ғайринақдӣ, аз ҷумла электронӣ бо шарти аз ҷониби Хазина пешниҳод гардидани воситаи электронии пардохтӣ, тариқи интиқоли маблағи ҷубронпулии суғурта ба суратҳисоби нишондодаи пасандоздор дар асоси аризаи хаттӣ ва ё электронии ӯ анҷом дода шавад.

32. Аризаи шакли электронӣ бо истифодаи воситаҳои пешбинишудаи мушаххаскунии (идентификатсияи) бевосита аз худи пасандоздор (мушаххасоти ID, шиноснома, имзои рақамии электронӣ ва дигар рамзҳои электронӣ), қабул карда мешавад. Аризаи шакли электронӣ аз намояндагони пасандоздор, аз ворис, васӣ, парастор, пасандоздори ноболиғ, аз пасандоздоре, ки нисбати он расмиёти муфлисшавӣ татбиқ шудааст, қабул карда намешавад. Дар ин ҳолат пардохти ҷубронпулӣ танҳо дар ҳолати мувофиқатии маълумот оиди аризадиҳанда, ки дар Феҳристи пасандоздорон дарҷ гардидааст, бо маълумоти дар аризаи шакли электронӣ нишон додашуда, амалӣ карда мешавад.

33. Қабули ариза оиди пардохти ҷубронпулӣ ва ҳуҷҷатҳои замимавии он аз ҷониби Хазина ва ё бонк-агент (бонк-агентҳо)-и таъиншуда амалӣ карда мешавад.

34. Шахси масъули Хазина ё бонк-агент, ки барои қабул, санҷиш ва ё баррасии ариза оиди пардохти ҷубронпулӣ ва қабули қарор дар бораи пардохти ҷубронпулӣ масъул аст, якҷоя бо ариза нусхаи аслии ваколатнома, шаҳодатномаи мерос ё дигар

ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулии суғуртаро, ки аризадиҳанда пешниҳод кардааст, нусхабардорӣ карда, дурустии онро бо нусхаи аслӣ (бо мондани сана, имзо ва вазифаи худ) тасдиқ мекунад ва ба парвандаи пасандоздор замима менамояд.

35. Ҳангоми баррасии ҳуҷҷатҳои аз аризадиҳанда қабулшуда, шахси масъули Хазина ё бонк-агент тавассути муайян намудани шахсияти аризадиҳанда, мутобиқатии дар ариза маълумоти оиди пасандоздор пуркардашуда ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи онро бо мавҷудияти чунин маълумот дар бораи шахсияти пасандоздор дар Феҳристи пасандоздорон санҷида баромада, мувофиқатии онҳоро ба талаботи бандҳои 20 ва 21 Тартиби мазкур пешбинишуда муайян менамояд.

36. Дар сурати мавҷуд будани ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба таври дахлдор тартибдодашуда шахси масъул бояд нусхаи ариза оид ба пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба аризадиҳанда пешниҳод намуда, ҳангоми зарурат дар тартиб додани он мусоидат намояд. Инчунин, бо дархости аризадиҳанда бо шарти мавҷуд будани маълумоти ӯ дар Феҳристи пасандоздорон ба ӯ аз Феҳристи пасандоздорон беруннависи бақияи суратҳисоби амонату пасандоз ва маблағи ҷубронпулии суғурта тибқи шакли аз ҷониби Хазина (замимаи 4 ба Тартиби мазкур) муқарраршуда, пешниҳод карда мешавад.

37. Пардохти ҷубронпулӣ ба соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷониби Хазина ба таври ғайринақдӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби бонкии дар ариза нишондодаи чунин пасандоздор (намоянда ё ворисӣ ҳуқуқии ӯ), ки дар ташкилоти қарзӣ кушода шудааст, анҷом дода мешавад.

38. Агар ҳангоми пардохти ҷубронпулии суғурта пасандоздор (соҳибкори инфиродӣ ва ё шахси ҳуқуқӣ) бо ҳалномаи судӣ ғайри қобили пардохт (муфлис) эътироф шуда бошад, чунин пардохт аз ҷониби Хазина ба таври ғайринақдӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби махсуси бонкӣ, ки дар рафти расмиёти муфлисшавӣ кушода шудааст ва аз ҷониби мудири таъиншуда дар ариза нишон дода шудааст, бо тартиби аз ҷониби Хазина муқарраршуда амалӣ карда мешавад.

39. Ба аризадиҳанда дар пардохти ҷубронпулӣ дар ҳолатҳои зерин рад карда мешавад:

- ба Хазина пешниҳод накардан, нопурра пешниҳод кардан ё пешниҳоди ҳуҷҷатҳои нодуруст ба расмият даровардашуда, ки дар бандҳои 2.8 Созишномаи мазкур пешбинӣ шудаанд (дар ин сурат аризадиҳандаро зарур аст ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи асоснокии талаби гирифтани ҷубронпулии суғуртаро тибқи тартиби муқарраршуда пешниҳод намояд);

- нопурра будан ё набудани маълумот дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи пасандоздорон, ки барои қабули қарор зарур мебошад;

- дар Феҳристи пасандоздорон мавҷуд набудан ё мувофиқ набудани маълумот дар бораи пасандоздор ё шахсе, ки ҳуқуқи бе ваколатнома аз номи шахси ҳуқуқӣ амал карданро дорад ва он барои пардохти ҷубронпулӣ муроҷиат кардааст (барои шахсони ҳуқуқӣ);

- бо талаби пардохти ҷубронпулӣ муроҷиат намудани намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқи бе ваколатнома аз номи ин шахси ҳуқуқӣ амал карданро дорад, агар тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқии мазкур пешбинӣ шуда бошад, ки ваколати аз номи он амал кардан ба якчанд шахсоне, ки якҷоя амал мекунанд, дода шуда бошад ва дар ин бора маълумот дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ мавҷуд бошад;

- ғайриимкон будани пешниҳоди ҳуҷҷатҳое, ки асоснокии талаби пасандоздорро тасдиқ менамояд.

40. Рад кардани пардохти ҷубронпулӣ барои муроҷиати такрории аризадиҳанда ҷиҳати пардохти ҷубронпулии суғурта тибқи ҳамин асосҳо монеа шуда наметавонад, агар аризадиҳанда норасоиҳои ҷойдоштаро бартараф намояд.

41. Қарор дар бораи рад кардани пардохти ҷубронпулӣ аз ҷониби шахси масъули Хазина ё бонк-агент, ки барои баррасии ариза оиди пардохти ҷубронпулӣ масъул аст, қабул карда мешавад ва дар ин бора дар дафтари электронии қайди радди пардохти ҷубронпулӣ (бо дарҷи сана ва сабаби рад) тибқи шакли замимаи 5 ба Тартиби мазкур маълумот ворид карда мешавад.

## 6. Пардохти ҷубронпулии суғурта аз ҷониби бонк-агент

42. Пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон тавассути бонк-агент дар асоси созишномаи агентӣ, ки байни Хазина ва бонк-агент баста шудааст, амалӣ карда мешавад.

43. Мутобиқи созишномаи агентӣ бонк-агент ба худ уҳдадорӣ гирифта аз ном ва аз ҳисоби Хазина қабули ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдорро аз пасандоздорон (аризадиҳандагон)-и ташкилоти қарзии барҳамхӯрда ташкил намуда, пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон бо тартиби муқаррарнамудаи Қонун ва Тартиби мазкур анҷом медиҳад.

44. Хазина ҳаққи хизматрасонии бонк-агентро ба андоза ва тартиби дар созишномаи агентӣ мукарраршуда, пардохт менамояд.

45. Хазина ва бонк-агент пардохти ҷубронпулии суғуртаро метавонанд дар асоси мушаххаскунию аутентификатсияи пасандоздор ва муайян будани ҳисоби бонкии вай ва ё мушаххасоти электронии дар аризаи пасандоздор нишон додашуда, амалӣ намоянд.

46. Хазина ба бонк-агент Феҳристи пасандоздорони аз мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда гирифтаро бо нишон додани маълумоти ному насаби пурраи пасандоздор, мушаххасоти ҳуҷҷати тасдиккунандаи шахсият, рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас, маблағи ҷубронпулии суғурта, инчунин бо тағйиру иловаҳои воридшуда дар шакли хаттӣ ва электронӣ (бо истифодаи воситаҳои ҳифзи иттилоот) ва дар мухлати дар созишномаи агентӣ муқарраршуда, пешниҳод менамояд.

47. Дар ҳолати аз ҷониби мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда дар мухлати муқарраршуда пешниҳод нагардидани Феҳристи пасандоздорон ё ин ки аз ҷониби Хазина эътироф накардани Феҳристи пасандоздорони пешниҳодшуда, Хазина бонк-агентро оид ба тамдиди санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта огоҳ менамояд.

48. Бонк-агент то оғози санаи пардохти ҷубронпулии суғурта чорабиниҳои заруриро вобаста ба амалӣ намудани пардохти ҷубронпулии суғурта анҷом медиҳад.

49. Бонк-агент маълумоти дар Феҳристи пасандоздорон ҷойдоштаро ба низоми автоматишудаи бонкии худ (модули пардохти ҷубронпулӣ дар низоми иттилоотии бонкӣ) барои пардохти ҷубронпулии суғурта ворид менамояд.

50. Дар ҳолати ошкор намудани хатогии техникӣ ҳангоми вориди маълумоти Феҳристи пасандоздорон ба низоми автоматишудаи бонкӣ, бонк-агент дар муддати 2 рӯзи корӣ ба Хазина оид ба ин ҳолат мактуби хаттӣ бо нусхаи электрониашро равон мекунад.

51. Хазина дар давоми 2 рӯзи корӣ аз санаи гирифтани мактуби огоҳии бонк-агент, ба мудири махсус ё барҳамдиҳанда оид ба хатогии дар Феҳристи пасандоздорон ҷойдошта ва барои бартараф намудани он огоҳинома ирсол менамояд. Мудири махсус ё барҳамдиҳанда пас аз гирифтани мактуб оид ба камбудиҳои

ҷойдошта, ба Хазина дар давоми се рӯзи корӣ тағйиру иловаҳоро ба Феҳристи пасандоздорон пешниҳод менамояд.

Бонк-агент Феҳристи пасандоздоронро танҳо баъди бартараф шудани камбудиҳо ва ворид гардидани тағйироти дахлдор, қабул ва мавриди истифода қарор медиҳад.

52. Хазина бо мақсади пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ба суратҳисоби махсус, ки дар бонк-агент кушода шудааст, маблағро тибқи созишномаи агентӣ мегузаронад.

53. Бонк-агент дар ҷойҳои кории қабули пасандоздорон (аризадиҳандагон) барои пардохти ҷубронпулии суғурта, инчунин дар сомонаи расмӣ ва саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии худ дар интернет, маълумотро оид ба санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта, ҷой, вақт, тартиб ва мӯҳлати пардохт ё ин ки тамдиди санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта эълон интишор менамояд.

54. Бонк-агент аз санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта то санаи ба итмом расидани мӯҳлати иҷрои созишномаи агентӣ, қабули аризаҳоро оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта анҷом медиҳад.

55. Бонк-агент метавонад қабули ҳуҷҷатҳои дар банди 20 Тартиби мазкур зикршуда (ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда) ва пардохти ҷубронпулии суғуртаро тавассути воҳидҳои сохтории худ, ки пасандоздорон ба он муроҷиат менамоянд ё ин ки тариқи фосилавӣ дар шакли электронӣ анҷом диҳад.

56. Ҳуҷҷатҳо ба шахси масъули бонк-агент супорида мешавад. Дар баробари ин шахси масъули бонк-агент бо хоҳиши пасандоздор ба ӯ ариза оид ба пардохти ҷубронпулии суғуртаро пешниҳод карда, барои пур кардани он кӯмак мерасонад.

57. Дар рӯзи муроҷиати пасандоздор ё аризадиҳанда барои пардохти ҷубронпулии суғурта бонк-агент амалҳои зеринро анҷом медиҳад:

- ариза ва ҳуҷҷатҳои дар банди 20 Тартиби мазкур овардашударо қабул менамояд;

- санҷиши мувофиқати маълумоти ариза, ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи пасандоздорро бо маълумоти дар Феҳристи пасандоздорон овардашуда мегузаронад;

- ҳангоми иваз шудани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти пасандоздор, ки мушаххасоти он дар шартномаи пасандози бонкӣ, суратҳисоби амонатии бонкӣ ва дар Феҳристи пасандоздорон қайд гардидааст, маълумотномаи мақомоти ваколадор, ки ивази ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро бо дарҷи мушаххасоти ҳуҷҷати ивазшуда ва азнавдодашуда тасдиқ менамояд, месанҷад;

- ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунандаи пасандоздор ё намояндаи ӯ (аризадиҳанда)-ро бо муайяннамоии муносибати ӯ ба пасандоздор меомӯзад ва нусхаи онро мегирад;

- санҷиши пасандоздорро аз рӯи Феҳристи пасандоздорон бо мақсади истиснои ҳолати такроран пардохт кардани ҷубронпулии суғурта мегузаронад;

- маълумотро аз пойгоҳи додаҳои худ оид ба қаблан пардохт кардан ё накардани ҷубронпулии суғурта ба пасандозор месанҷад;

- дар мавриди дуруст будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва мувофиқатии онҳо бо Феҳристи пасандоздорон ва тасдиқи ҳуқуқи талаби пасандоздор (аризадиҳанда), маблағи ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздор ё намояндаи ӯ (аризадиҳанда) пардохт мекунад;

- пас аз пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор, дар Феҳристи пасандоздорон оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта қайд мегузорад;

- дар ҳолати зарурӣ метавонад дигар амалҳои дар Тартиби мазкур зикршударо анҷом диҳад.

58. Ҳангоми тасдиқи ҳуқуқи талаби пасандоздор нисбат ба ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта, бонк-агент пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздор ё аризадиҳанда на дертар аз 3 рӯзи кории пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурие, ки ҳуқуқи пасандоздорро барои ба ӯ пардохт кардани ҷубронпулии суғурта тасдиқ мекунад, тибқи Феҳристи тасдиқшудаи пасандоздорон ба таври нақдӣ ва ё ғайринақдӣ пардохт мекунад, аз ҷумла:

- аз рӯи амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ (ба истисноми соҳибкорони инфиродӣ) тариқи нақдӣ ё ғайринақдӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби бонкии дар ариза нишон дода шуда;

- аз рӯи амонату пасандозҳои соҳибкорони инфиродӣ тариқи ғайринақдӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби бонкии барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ кушодашуда, ки дар ариза нишон дода шудааст (дар сурати қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ ба суратҳисоби бонкии дар ариза нишон додашуда бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қатъи амали шаҳодатномаи фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ);

- аз рӯи амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ тариқи ғайринақдӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби бонкии дар ариза нишон додашуда.

- аз рӯи амонату пасандозҳои соҳибкорони инфиродӣ ва ё шахсони ҳуқуқии суғурташуда, ки шахсони мазкур бо ҳалномаи судӣ ғайри қобили пардохт (муфлис) эътироф шуда бошанд, ба таври ғайринақдӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби махсуси бонкӣ, ки дар рафти расмиёти муфлисшавӣ кушода шудааст ва аз ҷониби мудири таъиншуда дар ариза нишон дода шудааст.

59. Пардохти маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор аз рӯи шакли қайднамудаи пасандоздор дар ариза анҷом дода мешавад.

60. Дар ҳолати аз ҷониби пасандоздор пешниҳод шудани дархост оиди кушодани суратҳисоби амонату пасандоз дар бонк-агент, бонк-агент тибқи қонунгузории амалкунанда ва талаботи тартиби дохилии худ амал мекунад.

61. Аз ҷониби бонк-агент дар ҳолатҳои пешбининамудаи банди 39 Тартиби мазкур қарор дар бораи рад кардани пардохти ҷубронпулии суғурта қабул карда мешавад.

62. Дар ҳолати ба миён омадани масъалаҳои баҳсталаб ва муроҷиатҳо оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта, ки дар ҷояш ҳал карда намешавад, корманди бонк-агент ҳуҷҷатҳои пасандоздор ва шакли пуркардашудаи муроҷиат аз рӯи масъалаҳои пардохти ҷубронпулиро (замимаи 6 ба Тартиб) қабул менамояд ва дар охири рӯзи корӣ нусхаи онҳоро ба Хазина дар шакли электронӣ ирсол менамояд.

Хазина дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ аз санаи қабул нусхаи ҳуҷҷатҳои пасандоздоронро дида баромада, бонк-агентро оид ба қарори қабулгардида дар шакли электронӣ хабардор мекунад. Дар ҳолати тасдиқ нашудани талаби пасандоздор, Хазина пасандоздорро тавассути бонк-агент дар бораи рад кардани пардохти ҷубронпулии суғурта бо нишон додани сабабҳои он огоҳ мекунад. Хазина дар ҳолати қабул кардани қарори мусбат оид ба пардохт кардани ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор ба бонк-агент барои пардохт дастур медиҳад. Дар ҳолати зарурӣ барои муайян кардани маълумоти иловагӣ вобаста ба ҳуқуқи пасандоздор барои пардохти ҷубронпулии суғурта муҳлати баррасии ҳуҷҷатҳои ба ӯ пешниҳодшуда аз ҷониби Хазина метавонад тамдид карда шавад.

63. Нисбат ба ҳар як ҳолати пардохти ҷубронпулии суғурта, бонк-агент парвандаи пасандоздорро ташкил медиҳад, ки он аз ҳуҷҷатҳои зерин иборат мебошад:

1) ҳангоми муроҷиати пасандоздор - шахси воқеӣ:

- аризаи аслии пасандоздор;

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти пасандоздор;

- нусхаи ҳуҷҷати пардохт, ки дар он маблағи пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор нишон дода шудааст;

- тасдиқномаи бонк-агент, ки дар он рақами ҳисоби бонкии пасандоздор нишон дода шудааст (дар ҳолати пардохти ғайринақдӣ);

2) ҳангоми муроҷиати пасандоздор - шахси ҳуқуқӣ:

- ваколатномаи намояндаи шахси ҳуқуқӣ (ба истисноми шахсе, ки аз номи пасандоздор бе ваколатнома амал карданро дорад);

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти намоянда;

- маълумотнома дар хусуси оне, ки нисбат ба шахси ҳуқуқӣ расмиёти муфлисшавӣ ҷорӣ карда шудааст ё нашудааст.

- нусхаи ҳуҷҷати пардохт, ки дар он маблағи пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор нишон дода шудааст;

- тасдиқномаи бонк-агент, ки дар он рақами ҳисоби бонкии пасандоздор нишон дода шудааст (дар ҳолати пардохти ғайринақдӣ);

3) ҳангоми муроҷиати намояндаи пасандоздор (аризадиҳанда):

- нусхаи аслии аризаи намояндаи пасандоздор (аризадиҳанда);

- нусхаи ҳуҷҷати шахсияти пасандоздорро тасдиққунанда;

- нусхаи ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулиро ба намояндаи пасандоздор (аризадиҳанда) тасдиқ менамояд;

- нусхаи ҳуҷҷати шахсияти намояндаи пасандоздор (аризадиҳанда)-ро тасдиққунанда;

- нусхаи ҳуҷҷати пардохт, ки дар он маблағи пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор нишон дода шудааст;

- тасдиқномаи бонк-агент, ки дар он рақами ҳисоби бонкии пасандоздор нишон дода шудааст (дар ҳолати пардохти ғайринақдӣ);

- дигар ҳуҷҷатҳои муайянкунанда ё нусхаи онҳо, ки дар Тартиби мазкур муқаррар шудааст.

64. Маълумот оид ба пасандоздорон аз ҷониби бонк-агент ба Хазина тибқи тартиб ва мухлатҳои дар созишномаи агентӣ пешбинишуда ирсол карда мешавад.

65. Ҳуҷҷатҳои пасандоздорон оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта аз ҷониби бонк-агент ба Хазина дар асоси санад ва мухлати дар созишномаи агентӣ пешбинишуда пешниҳод карда мешавад.

66. Саридораи бонк-агент тибқи тартиб ва мухлатҳои дар санадҳои меъёрӣ муқаррарнамудаи Хазина оид ба рафти пардохти ҷубронпулии суғурта тибқи ҳисоботи пешбинишуда маълумот пешниҳод менамояд.

67. Баъди аз ҷониби бонк-агент тибқи мухлати пешбинишуда ба анҷом расонидани пардохти ҷубронпулии суғурта, Хазина бо бонк-агент санади муқоисавии ҷамъбастиро оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта ба имзо мерасонад.

## 7. Тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи пасандоздорон

68. Мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда то санаи ба охир расидани мухлати пардохти ҷубронпулии суғурта бояд дар ҳолатҳои зерин ба Феҳристи пасандоздорони ба Хазина пешниҳодшуда тағйиру иловаҳо ворид намояд:

- тағйир ёфтани маълумот дар бораи пасандоздор, ки дар Феҳрист бояд инъикос карда шавад;

- муайян намудани номувофиқатии маълумоти дар Феҳристи пасандоздорон буда бо маълумоти ҳолати воқеии уҳдадориҳои мутақобилаи ташкилоти қарзӣ ва

пасандоздор дар рӯзи фаро расидани ҳолати суғуртавӣ, ки бояд дар Феҳристи мазкур инъикос карда шавад;

- пурра ё қисман қатъ гардидани уҳдадориҳои дар Феҳристи пасандоздорон мавҷудбуда пас аз фаро расидани ҳолати суғуртавӣ.

69. Ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи пасандоздорон мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда ба Хазина мактуби хаттӣ оид ба боздошти пардохти ҷубронпулии суғуртаро бо тағйиру иловаҳои воридшуда бо назардошти нусхаҳои ба таври дахлдор тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маълумоти тағйирёфта (агар чунин ҳуҷҷатҳо мавҷуд бошанд) пешниҳод карда, дар хусуси пардохти ҷубронпулии суғурта маълумот дархост менамояд. Муҳлати пешниҳоди маълумот аз ҷониби Хазина бо мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда мувофиқа карда мешавад.

70. Хазина мактуби аз мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда гирифташударо ба бонк-агент барои боздошти пардохтҳо ирсол намуда, оид ба ҳолати пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ва тағйирот дар Феҳристи пасандоздорон маълумот дархост менамояд. Маълумоти аз бонк-агент гирифташуда аз ҷониби Хазина ба мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда пешниҳод карда мешавад.

71. Мактуб оид ба боздошти пардохти ҷубронпулии суғурта бояд аз ҷониби мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда ё шахси ивазкунандаи ӯ имзо карда шуда, дар худ асосҳои дохил намудани тағйиру иловаҳоро дошта бошад.

72. Хазина баъди аз мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда гирифтани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи пасандоздорон:

а) санҷиши такрории маълумоти пасандоздорро дар Феҳристи пасандоздорон (ному насаб, маълумоти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами суратҳисоби бонкӣ) бо маълумоти тағйирдодашуда мегузаронад;

б) дар ҳолати дар Феҳристи пасандоздорон ҷой надоштани маълумот оид ба пасандоздор ё тағйир додани маълумоти он, маълумоти пешниҳоднамудаи мудири махсус ва ё барҳамдиҳандаро оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта меомӯзад;

в) далелҳои пардохт кардан ё накардани ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорро дар асоси маълумоти бонк-агент аз рӯи ҷубронпулии пардохтшуда муайян менамояд;

г) ба бонк-агент Феҳристи пасандоздорони ислоҳшударо ирсол менамояд.

73. Дар ҳолати мувофиқ набудани маълумоти пасандоздор (ному насаб, маълумоти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами суратҳисоби бонкӣ) бо маълумоти Феҳристи пасандоздорони тағйирдодашуда, инчунин агар маблағи ҷубронпулии суғурта бо назардошти пардохти ҷубронпулии суғурта аз ҷониби бонк-агент дар Феҳристи пасандоздорон кам карда шуда бошад, Хазина аз мудири махсус ва ё барҳамдиҳанда маълумотро оид ба ислоҳ намудан ё шарҳи тағйиру иловаҳо дар Феҳристи пасандоздорон дархост менамояд. Дар ҳолатҳои мазкур пардохти ҷубронпулии суғурта ба чунин пасандоздорон боздошта мешавад.

## 8. Батанзимдарории ихтилофот оид ба ҷубронпулии суғурта

74. Ҳангоми норозӣ будан аз ҷубронпулии суғурта пасандоздор метавонад дар давоми сӣ рӯзи баъди гирифтани берунннависи Феҳристи пасандоздорони ташкилоти қарзӣ маълумот (ҳуҷҷатҳо)-и иловагиро ҷиҳати дастгирии аризааш ва тасдиқи асоснокии талаби худ барои ҷубронпулӣ ба Хазина пешниҳод намояд (ҳуҷҷатҳои аслӣ ё нусхаи аз ҷониби бонк-агент ё нотариалӣ тасдиқшудаи онҳо):

- шартномаи пасандози бонкӣ, суратҳисобҳои амонатии бонкӣ, суратҳисобҳои бонкии кортҳои пардохтӣ, дафтарчаи амонатӣ;

- санадҳои судӣ, ки мавҷудияти уҳдадориҳои ташкилоти қарзиро дар назди пасандоздор тасдиқ мекунанд;

- ҳуҷҷатҳои пардохт, беруннавис аз рӯи суратҳисоби амонату пасандоз, пардохтнома, ордери воридоти-хазинавӣ, ки ҷойгиркунии маблағро дар суратҳисобҳои амонату пасандозӣ тибқи муқаррароти қонунгузорӣ тасдиқ менамоянд.

75. Хазина тибқи банди 74 Тартиби мазкур маълумоти иловагиро дар давоми як рӯзи корӣ барои арзёбӣ ба ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта ирсол менамояд.

76. Ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта дар давоми панҷ рӯзи баъди гирифтани маълумоти мазкур оид ба натиҷаҳои арзёбӣ ба Хазина ба таври хаттӣ хабар медиҳад ва Хазина пасандоздорро аз натиҷаи арзёбӣ дар давоми ду рӯзи корӣ хабардор мекунад.

77. Дар сурати баъди чунин арзёбӣ ба мувофиқа расидани пасандоздор ва ташкилоти қарзии мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта аз рӯи ҷубронпулии суғурта, Хазина маблағи мувофиқашудаи ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздор тавассути бонк-агент пардохт мекунад. Дар сурати ба мувофиқа наомадан, аризадиҳанда ҳуқуқ дорад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти судӣ оид ба муқаррар намудани маблағи талаб ва ҷубронпулии пардохтшаванда муроҷиат намояд.

## 9. Тартиби пардохти ҷубронпулӣ пас аз гузашати муҳлати пардохти ҷубронпулӣ

78. Пас аз гузаштани муҳлати муқаррарнамудаи Қонун барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор, Хазина метавонад муҳлати муроҷиати пасандоздорро барои гирифтани ҷубронпулии суғурта мутобиқи аризаи пасандоздор ё намояндаи вай (аризадиҳанда), ки шаклашро Хазина муқаррар мекунад (замимаи 7 ба Тартиби мазкур), тамдид намояд.

79. Муҳлати муроҷиати пасандоздор барои гирифтани ҷубронпулии суғурта дар ҳолатҳои зерин тамдид карда мешавад:

- агар пасандоздор мубталои бемории ҷисмонӣ ё рӯҳӣ гашта, қобилияти сари вақт муроҷиат карданро барои гирифтани ҷубронпулии суғурта надошта бошад;

- дар ҳолатҳои фавқулода, инчунин ҳангоми дар хориҷи кишвар, дар хизмати ҳарбӣ, дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ будани пасандоздор, ҳамчунин бо сабабҳои бо ба даст овардан ё кушодани мерос алоқаманд, ки ба пасандоздор барои сари вақт муроҷиат кардан ҷиҳати гирифтани ҷубронпулии суғурта имкон надода бошад.

80. Хазина муҳлати пешниҳоди дархост барои гирифтани ҷубронпулии суғуртаро дар сурати пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳолатҳои дар банди 79 Тартиби мазкур зикршуда, тамдид мекунад.

81. Ҳуҷҷатҳои зерин мавҷудияти ҳолатҳои узрнок, ки барои дар муҳлати муқарраршудаи пардохти ҷубронпулӣ муроҷиат кардани пасандоздор монеъ мешаванд, тасдиқ мекунанд:

а) дар ҳолати дар хориҷи кишвар будан – шиносномаи дорои аломати убури сарҳад ва (ё) дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи воқеияти берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ будан;

б) дар ҳолати дар хизмати ҳарбӣ будан – ҳуҷҷатҳои бақайдгирии ҳарбӣ ё маълумот дар бораи тасдиқи хизмати ҳарбӣ, ки мақомоти ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардааст;

в) дар ҳолати дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ будан – ҳукми эътибори қонуни пайдокардаи суд ва ҳуҷҷат дар бораи адои ҷазо дар ҷойи маҳрум сохтан аз озодӣ ё дар бораи пеш аз мӯҳлат шартан аз ҷазо озод кардан;

г) дар ҳолати бо бадасторӣ ё кушодани мерос алоқаманд - шаҳодатномаи вафоти пасандоздор, шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи мерос аз рӯи қонун/васиятнома ва (ё) дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ба даст овардани мерос ё кушодани мерос, аз ҷумла санадҳои судӣ.

82. Пасандоздор ё намояндаи ӯ (аризадиҳанда) дар аризаи худ ба Хазина оид ба тамдиди мӯҳлати пешниҳоди дархост барои гирифтани ҷубронпулии суғурта, ки пас аз гузаштани мӯҳлати пардохти ҷубронпулӣ пешниҳод шудааст, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мавҷудияти ҳолатҳои узрнок, ки барои мурочиати пасандоздор дар давоми мӯҳлати муқаррашудаи пардохти ҷубронпулӣ монеа шудааст, замима менамояд.

83. Пасандоздор метавонад ҳуҷҷатҳоро ба суроғаи Хазина тавассути почта фиристонад. Дар ин маврид тасдиқи нотариалии имзои пасандоздор дар ариза ҳатмӣ мебошад.

84. Ҳангоми мурочиати пасандоздор ё намояндаи ӯ (аризадиҳанда) бо аризаи тамдиди мӯҳлати пешниҳоди дархост барои пардохти ҷубронпулӣ, Хазина асоснокии ариза ва ҳуҷҷатҳоеро, ки мавҷудияти ҳолатҳои узрноки дар банди 79 Тартиби мазкур пешбинишударо, ки ҳуқуқи пасандоздор ё намояндаи он (аризадиҳанда)-ро барои гирифтани ҷубронпулии суғурта тасдиқ менамояд, инчунин ҳолатҳои дар банди 81 Тартиби мазкур пешбинишударо мавриди баррасӣ ва санҷиш қарор медиҳад.

85. Дар ҳолати тасдиқи ҳуқуқи талаби пасандоздор ё намояндаи ӯ (аризадиҳанда), Хазина қарор оид ба тамдиди мӯҳлати пешниҳоди дархост барои гирифтани ҷубронпулии суғуртаро қабул менамояд.

86. Агар Хазина мӯҳлатро тамдид карда бошад ва дар давоми мӯҳлати тамдидшуда пасандоздор бо аризаи пардохти ҷубронпулӣ мурочиат кунад, он гоҳ Хазина дар давоми 5 рӯзи баъди тамдиди мӯҳлат, беруннависи Феҳристи пасандоздорони ташкилоти қарзиро бо нишон додани маблағи ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор пешниҳод мекунад.

87. Пасандоздор баъди гирифтани дархости ҷубронпулӣ мутобиқи мӯҳлати тамдидшуда ҳуқуқ дорад ҷубронпулиро дар асоси беруннависи Феҳристи пасандоздорони ташкилоти қарзӣ гирад.

88. Хазина мутобиқи мӯҳлати тамдидшуда, ҷубронпулии суғуртаро дар давоми 5 рӯзи баъди гирифтани дархост пардохт мекунад. Маблағи ҷубронпулӣ ба пасандоздор аз ҷониби Хазина тавассути интиқол ба суратҳисоби бонкии ӯ, ки дар ариза нишон дода шудааст ё тавассути бонк-агент пардохт мегардад.

89. Пасандоздор ё намояндаи он (аризадиҳанда) метавонад барои тамдиди мӯҳлати пешниҳоди дархост барои гирифтани ҷубронпулии суғурта то анҷом ёфтани мурофиаи муфлисшваии ташкилоти қарзӣ, мурочиат намояд.

## 10. Ҳолатҳои ҷуброн накардани амонату пасандозҳо

90. Ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои зерин пардохт карда намешавад:

- амонату пасандозҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст омадаанд ё амонату пасандозҳое, ки аз ҷониби суд ҳабс карда шудаанд;

- амонату пасандозҳое, ки аз рӯи хулосаи Бонки миллии Тоҷикистон вазъи молиявии ташкилоти қарзиро бад кардаанд;

- амонату пасандозҳои шахсони вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ, ки тибқи қонун муайян шудаанд, инчунин шахсоне, ки дар давоми соли охир то барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ чунин вобаста ҳисобида мешуданд;

- амонату пасандозҳои шарикони ширкати аудиторӣ, ки ба сифати аудиторҳои ташкилоти қарзӣ дар соли тақвимӣ пештар аз таърихи фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ҷалб шуда буданд;

- амонату пасандозҳо, ки беш аз панҷ фоизи саҳмияҳои ташкилоти қарзиро бо гирифтани манфиат дар ихтиёр доранд;

- амонату пасандозҳое, ки дар филиалҳои хориҷии ташкилоти қарзӣ ҷойгир карда шудаанд;

- амонату пасандозҳои баробар ба ҳар гуна маблағи қарзи пардохтнашудаи пасандоздор дар назди ташкилоти қарзӣ;

- амонату пасандозҳо ба маблағи камтар аз 10 сомонӣ.

91. Амонату пасандозҳои дар банди 90 Тартиби мазкур зикргардида дар Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта набояд дарҷ карда шаванд.

**Замимаи 1**
ба Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон
ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ

Ба Хазинаи суғуртаи
амонату пасандозҳои Тоҷикистон

**АРИЗА**
**оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта аз рӯи амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ**
(ба истисноии соҳибкорони инфиродӣ)

***Аз тарафи пасандоздор пур карда мешавад:*** *(пасандоздоре, ки маълумот дар бораи ӯ дар Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта мавҷуд аст)*

Ман ________________________________________
(ном, насаб ва номи падари аризадиҳанда, агар ӯ худи пасандоздор-шахси воқеӣ бошад)

________________________________________
(рӯз, моҳ ва соли таваллуд)

________________________________________
(рақам, сана ва мақоме, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро додааст ва РМА-и пасандоздор)

________________________________________
(суроғаи бақайдгирӣ ва рақами телефони пасандоздор)

***Аз тарафи аризадиҳанда пур карда мешавад:*** *(намояндаи пасандоздор тибқи ваколатнома/намояндаи қонунӣ/меросгир/дигар шахс, ки ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулии суғуртаро дошта бошад)*

Ман ________________________________________
(ном, насаб ва номи падари аризадиҳанда, агар ӯ худи пасандоздор-шахси воқеӣ набошад)

________________________________________
(рақам, сана ва мақоме, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро додааст ва РМА-и аризадиҳанда)

________________________________________
(суроғаи бақайдгирӣ ва рақами телефони аризадиҳанда)

дар асоси ________________________________________
(ваколатнома, қарори суд, шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ва ё дигар ҳуҷҷати ҳуқуқ муайянкунанда)

аз номи пасандоздор ________________________________________
(ном, насаб ва номи падари пасандоздор, таърихи таваллуд)

________________________________________
(рақам, сана ва мақоме, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти пасандоздорро додааст ва РМА-и пасандоздор)

хоҳиш менамоям, ки ба ман маблағи ҷубронпулии суғуртаро тибқи Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашудаи ________________________ пардохт намоед.
(номи ташкилоти қарзии барҳамдодашуда)

Маблағи ҷубронпулии суғурта ба ман ба таври зайл пардохт карда шавад:

1. Накдӣ ☐
2. Ғайринакдӣ ☐

(Танҳо як намуди пардохтро интихоб намуда, онро бо аломати “V” қайд намоед)

Нишони ташкилоти қарзӣ барои пардохти ғайринакдии ҷубронпулии суғурта:

Ташкилоти қарзии ________________________________________
(номи ташкилоти қарзие, ки дар он суратҳисоб кушода шудааст)

________________________________________
(рақами суратҳисоби бонкӣ, РМА, БИК ташкилоти қарзӣ)

Розигии гузашти ҳуқуқи талаби худро дар доираи маблағи ҷубронпулии гирифтаам ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон тасдиқ менамоям.

___________________________ сана: «______» ________ 20___ с.
(ному насаб ва имзои аризадиҳанда)

***Тавзеҳот ба ариза:***

*– Ба ариза бояд нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти аризадиҳанда (пасандоздор ё намояндаи ӯ) замима карда шавад. Ҳангоми иваз шудани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти пасандоздор, ки мушаххасоти он дар шартномаи пасандози бонкӣ ва ё суратҳисоби амонатии бонкӣ, инчунин дар Феҳристи пасандоздорон қайд гардидааст, ба ариза маълумотномаи мақомоти ваколадор, ки ивази ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро бо дарҷи мушаххасоти ҳуҷҷати ивазшуда ва азнавдодашуда тасдиқ менамояд, бояд замима карда шавад.*

*– Дар сурати пешниҳоди ариза аз ҷониби меросгири пасандоздор - ҳуҷҷати тасдиқкунанадаи ҳуқуқи ӯ ба мерос ё ҳуқуқи истифодаи маблағҳои васиятдиҳанда (шаҳодатномаи ҳуқуқи мерос ё тибқи қонун васиятнома); шаҳодатномаи ҳуқуқ барои ҳиссаи мерос (ҳуқуқ ба амонату пасандоз); шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият дар ҳиссаи амвол; санадҳои судӣ (дар бораи эътирофи ворис ва гирифтани ҳиссаи мероси ба ӯ тааллуқ дошта, тақсим кардани мерос, қабули мерос аз ҷониби ворис, муайян кардани ҳиссаи меросгирон), бояд замима карда шавад.*

*– Дар сурати пешниҳоди ариза аз ҷониби аризадиҳанда (ба ғайр аз пасандоздор ва меросгири пасандоздор) - ҳуҷҷати тасдиқкунанда (аслӣ ё нусхаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда)-и ҳуқуқ барои гирифтани ҷубронпулии суғурта;*

*– Дар сурати пешниҳоди ариза аз ҷониби намояндаи пасандоздор ё меросгир - ҳуҷҷатҳои аслӣ ва ё нотариалӣ тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқ барои гирифтани ҷубронпулии суғуртаро тасдиқ менамоянд, бояд замима карда шаванд.*

*– Дар мавриди пешниҳод карда натавонистани ҳуҷҷатҳо дар шакли аслӣ, ки ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулии суғуртаро тасдиқ менамояд (шаҳодатномаи ҳуқуқи мерос, санадҳои судӣ ва г.) иҷозат дода мешавад, ки нусхаи нотариалӣ ё нусхаи аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки бо муҳри ин мақомот тасдиқ шудааст, пешниҳод карда шавад.*

**Замимаи 2**
ба Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон
ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ

Ба Хазинаи суғуртаи
амонату пасандозҳои Тоҷикистон

# АРИЗА
## оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта аз рӯи амонату пасандозҳои соҳибкорони инфиродӣ

***Аз тарафи пасандоздор пур карда мешавад:*** *(пасандоздоре, ки маълумот дар бораи ӯ дар Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта мавҷуд аст)*

Ман ____________________________________________________________

(ном, насаб ва номи падари аризадиҳанда, агар ӯ худи пасандоздор – соҳибкори инфиродӣ бошад)

________________________________________________________________

(рӯз, моҳ ва соли таваллуд)

________________________________________________________________

(рақам, сана ва мақоме, ки ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро додааст ва РМА-и пасандоздор)

________________________________________________________________

(суроғаи бақайдгирӣ ва рақами телефони пасандоздор)

***Аз тарафи аризадиҳанда пур карда мешавад:*** *(намояндаи пасандоздор тибқи ваколатнома/намояндаи қонунӣ/меросгир/вориси ҳуқуқӣ/дигар шахс, ки ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулии суғуртаро дошта бошад)*

Ман ____________________________________________________________

(ном, насаб ва номи падари аризадиҳанда, агар ӯ худи пасандоздор – соҳибкори инфиродӣ набошад)

________________________________________________________________

(рақам, сана ва мақоме, ки ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро додааст ва РМА-и аризадиҳанда)

________________________________________________________________

(суроғаи бақайдгирӣ ва рақами телефони аризадиҳанда)

дар асоси _______________________________________________________

(ваколатнома, қарори суд, шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ва ғайра)

аз номи пасандоздор ______________________________________________

(насаб, ном ва номи падари пасандоздор, таърихи таваллуд)

________________________________________________________________

(рақам, сана ва мақоме, ки ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти пасандоздорро додааст ва, РМА-и пасандоздор)

хоҳиш менамоям, ки ба ман маблағи ҷубронпулии суғуртаро тибқи Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашудаи ___________________________ пардохт намоед.

(номи ташкилоти қарзии барҳамдодашуда)

Маблағи ҷубронпулии суғурта ба ман ба суратҳисоби бонкии барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар ташкилоти қарзии зерин кушодашуда пардохт карда шавад[2].

Ташкилоти қарзии ________________________________________________

(номи ташкилоти қарзие, ки дар он суратҳисоб кушода шудааст)

________________________________________________________________

(рақами суратҳисоби бонкӣ, РМА, БИК ташкилоти қарзӣ)

Тасдиқ мекунам, ки дар лаҳзаи имзои аризаи мазкур:

| | |
|---|---|
| __ | суратҳисоби бонкии нишон дода шуда - суратҳисоби соҳибкори инфиродӣ (СИ) барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ кушода шуда мебошад ва СИ бо ҳалномаи судӣ ғайри қобили пардохт (муфлис) эътироф нагардидааст |
| __ | суратҳисоби бонкии нишон дода шуда - суратҳисоби махсуси бонкӣ, ки дар рафти расмиёти муфлисшавӣ кушода шудааст (дар мавриди эътирофи СИ ғайри қобили пардохт), мебошад |

| | |
|---|---|
| — | суратҳисоби бонкии нишон дода шуда - бинобар қатъ гардидани амали шаҳодатномаи фаъолияти СИ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ кушода нашудааст |

(Танҳо як аз вариантро интихоб намуда, онро бо аломати “V” қайд намоед)

Розигии гузашти ҳуқуқи талаби худро дар доираи маблағи ҷубронпулии гирифтаам ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон тасдиқ менамоям.

___________________________ сана: «______» ________ 20___ с.

(ному насаб ва имзои аризадиҳанда)

***Тавзеҳот ба ариза:***

– *Ба ариза бояд нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти аризадиҳанда замима карда шавад. Ҳангоми иваз шудани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти пасандоздор-соҳибкори инфиродӣ, ки мушаххасоти он дар шартномаи пасандози бонкӣ ва ё суратҳисоби амонатии бонкӣ, инчунин дар Феҳристи пасандоздорон қайд гардидааст, ба ариза маълумотномаи мақомоти ваколадор, ки ивази ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро бо дарҷи мушаххасоти ҳуҷҷати ивазшуда ва азнавдодашуда тасдиқ менамояд, бояд замима карда шавад.*

– *Ба ариза маълумотнома дар хусуси оне, ки нисбати соҳибкори инфиродӣ (СИ) расмияти муфлисшавӣ ҷорӣ гардидааст ё нагардидааст, инчунин қатъ гардидан ё нагардидани амали шаҳодатномаи фаъолияти СИ замима карда мешавад.*

– *Дар сурати пешниҳоди ариза аз ҷониби меросгири соҳибкори инфиродӣ - ҳуҷҷати тасдиққунанадаи ҳуқуқи ӯ ба мерос ё ҳуқуқи истифодаи маблағҳои васиятдиҳанда (шаҳодатномаи ҳуқуқи мерос ё тибқи қонун васиятнома); шаҳодатномаи ҳуқуқ барои ҳиссаи мерос (ҳуқуқ ба амонату пасандоз); шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият дар ҳиссаи амвол; санадҳои судӣ (дар бораи эътирофи ворис ва гирифтани ҳиссаи мероси ба ӯ тааллуқ дошта, тақсим кардани мерос, қабули мерос аз ҷониби ворис, муайян кардани ҳиссаи меросгирон, замима карда мешавад.*

– *Дар сурати пешниҳоди ариза аз ҷониби намояндаи соҳибкори инфиродӣ ё меросгир - ҳуҷҷатҳои аслӣ ва ё нусхаҳои нотариалӣ тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқ барои гирифтани ҷубронпулии суғуртаро тасдиқ менамоянд, бояд замима карда шавад.*

– *Дар сурати пешниҳоди ариза аз ҷониби мудир, ки аз ҷониби суд барои гузаронидани расмияти муфлисшавии соҳибкори инфиродӣ таъин карда шудааст, маълумотнома оиди аз ҷониби суд қабул гардидани ҳалнома (номи суд, санаи ҳалнома ва рақами парванда) дар бораи муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ.*

[2] – *Пардохти ҷубронпулӣ ба соҳибкори инфиродӣ дар асоси ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ба таври ғайринақдӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби дахлдори бонкии нишондодаи чунин пасандоздор (намоянда ё ворисӣ ҳуқуқии ӯ), ки дар ташкилоти қарзӣ кушода шудааст, анҷом дода мешавад.*

**Замимаи 3**
ба Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон
ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ

Ба Хазинаи суғуртаи
амонату пасандозҳои Тоҷикистон

# АРИЗА
## оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта аз рӯи амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ[1]

Пасандоздор (шахси ҳуқуқӣ) ______________________________
(номи пурраи субъекти соҳибкории хурд ё ташкилоти ғайритиҷоратӣ)

______________________________
(рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) ва рақами шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ)

______________________________
(маҳалли ҷойгиршавӣ ва рақами телефони шахси ҳуқуқӣ)

***<u>Аз тарафи пасандоздор пур карда мешавад</u>:*** *(пасандоздоре, ки маълумот дар бораи ӯ дар Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта мавҷуд аст)*

Ман намояндаи пасандоздор[2] ______________________________
(насаб, ном ва номи падари намояндаи пасандоздор, таърихи таваллуд)

______________________________
(ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти намояндаи пасандоздор, рақам, сана ва мақоми онро дода, РМА)

______________________________
(суроғаи бақайдгирӣ ва рақами телефони намояндаи пасандоздор)

дар асоси
______________________________
(қарори муассисон ё мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқӣ, рақам ва сани он)

***<u>Аз тарафи аризадиҳанда пур карда мешавад</u>:*** *(намояндаи пасандоздор тибқи ваколатнома/вориси ҳуқуқӣ/дигар шахс, ки ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулии суғуртаро дошта бошад)*

Ман намояндаи пасандоздор[3] ______________________________
(насаб, ном ва номи падари намояндаи пасандоздор, таърихи таваллуд)

______________________________
(ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти намояндаи пасандоздор, рақам, сана ва мақоми онро дода, РМА)

______________________________
(суроғаи бақайдгирӣ ва рақами телефони намояндаи пасандоздор)

дар асоси
______________________________
(ваколатномаи намояндаи ҳуқуқии пасандоздор, ҳалномаи суд ва ғайра)

аз номи пасандоздор (шахси ҳуқуқӣ) хоҳиш менамоям, ки ба ман маблағи ҷубронпулии суғуртаро тибқи Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашудаи ______________________________ пардохт намоед.
(номи ташкилоти қарзии барҳамдодашуда)

Маблағи ҷубронпулии суғурта ба ман тариқи интиқол ба суратҳисоби бонкии зерин пардохт карда шавад[4]:

Ташкилоти қарзии ______________________________
(номи ташкилоти қарзие, ки дар он суратҳисоб кушода шудааст)

______________________________
(рақами суратҳисоби бонкӣ, РМА, БИК ташкилоти қарзӣ)

Тасдиқ мекунам, ки дар лаҳзаи имзои аризаи мазкур:

| | |
|---|---|
| __ | нисбати шахси ҳуқуқи расмиёти муфлисшавӣ ҷорӣ нагардидааст |
| __ | суратҳисоби бонкии нишон дода шуда - суратҳисоби махсуси бонкӣ, ки дар рафти расмиёти муфлисшавӣ кушода шудааст, мебошад |

(Танҳо як аз вариантро интихоб намуда, онро бо аломати "V" қайд намоед)

Розигии гузашти ҳуқуқи талаби пасандоздор (шахси ҳуқуқӣ)-ро дар доираи маблағи гирифтаам ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон тасдиқ менамоям.

__________________________ сана: «______» ________ 20___ с.

(ному насаб ва имзои аризадиҳанда)

***Тавзеҳот ба ариза:***

*1 – Аризадиҳанда метавонад намояндаи пасандоздор - шахси ҳуқуқӣ (субъекти соҳибкории хурд ё ташкилоти ғайритиҷоратӣ), вориси ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ ё ин ки шахси дигар бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқ ба гирифтани ҷубронпулии суғурта, ки бо ариза барои пардохти ҷубронпулии суғурта муроҷиат менамояд, бошад.*

*2 – Аз ҷониби намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки аз номи шахси ҳуқуқӣ (субъекти соҳибкории хурд ё ташкилоти ғайритиҷоратӣ) ҳуқуқи бе ваколатнома амал карданро дорад (минбаъд - намояндаи ҳуқуқии пасандоздор), бояд пур карда шавад.*

*3 – Аз ҷониби намояндаи дар асоси ваколатномаи намояндаи ҳуқуқии пасандоздор амалкунанда, вориси ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ ё ин ки шахси дигари дорои ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқ ба гирифтани ҷубронпулии суғурта, бояд пур карда шавад.*

*– Ба ариза бояд нусхаи ҳуҷҷатҳои зерин замима карда шаванд:*

*- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти аризадиҳанда (ҳангоми иваз шудани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти аризадиҳанда, ба ариза маълумотномаи мақомоти ваколадор, ки ивази ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро бо дарҷи мушаххасоти ҳуҷҷати ивазшуда ва азнавдодашуда тасдиқ менамояд, замима карда мешавад);*

*- иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқукӣ ва соҳибкорони инфиродӣ*

*- ваколатномаи намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби намояндаи ҳуқуқии пасандоздор дода шудааст;*

*- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи гузашти ҳуқуқи талаб аз рӯи амонату пасандоз дар ҳолати муроҷиати вориси ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ;*

*- маълумотнома дар хусуси оне, ки нисбат ба шахси ҳуқуқӣ расмияти муфлисшавӣ ҷорӣ карда шудааст ё нашудааст.*

*– Дар сурати пешниҳоди ариза аз ҷониби мудир, ки аз ҷониби суд барои гузаронидани расмияти муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ таъин карда шудааст, маълумотнома оиди аз ҷониби суд қабул гардидани ҳалнома (номи суд, санаи ҳалнома ва рақами парванда) дар бораи муфлис эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ.*

*3 – Пардохти ҷубронпулӣ ба шахсони ҳуқуқӣ дар асоси ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда танҳо ба таври ғайринақдӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби бонкии нишондодаи намояндаи пасандоздор, ки дар ташкилоти қарзӣ кушода шудааст, анҷом дода мешавад.*

**Замимаи 4**
ба Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон
ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ

**Беруннависи Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта**

| № р/т | Ному насаби пурраи пасандоздор (номи шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқӣ) | Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият | | РМА | РЯМ | Рақами телефон | Ухдадории ташкилоти қарзӣ аз рӯи суратҳисоби амонату пасандозӣ дар назди пасандоздор (бо сомонӣ) | Маблағи талаби ташкилоти қарзӣ нисбати пасандоздор (бо сомонӣ) | Бақияи ухдадории ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздор аз рӯи натиҷаи ҳисоббаробаркунӣ (бо сомонӣ) | Маблағи ҷубронпули и суғурта (бо сомонӣ) | Бақияи пасандоз пас аз пардохти ҷубронпули и суғурта (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Рақами ҳуҷҷати тасдиқкунанда и шахсият (шиноснома/шаҳодатнома) | Сана ва мақомоти ҳуҷҷатро дода | | | | | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| | | | | | | | | | | | |
| | **Ҳамагӣ** | | | | | | | | | | |

Ному насаб, ва имзои шахси масъули Хазина

Сана:

**Замимаи 5**
ба Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон
ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ

## Маълумот оиди радди пардохи ҷубронпулӣ

Аз ҷониби Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) вобаста ба аризаи пешниҳодшуда оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта, пардохти ҷубронпулии суғурта ба аризадиҳанда рад карда шуд ва пардохти ҷубронпулӣ то равшан гардидани ҳолат боздошта шуд.

| № | Ному насаби аризадиҳанда | Таърихи пешниҳоди ариза | Рақами ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият | Сана ва мақомоти ҳуҷҷатро дода | Суроғаи зист | РМА | Сабаби рад* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | | |
| 2. | | | | | | | |
| ... | | | | | | | |
| 10. | | | | | | | |

* - Ҳангоми пуркунии маълумот оиди сабаби радди пардохти ҷубронпулӣ, шахси масъули бонк-агент на камтар аз яке аз сабабҳои дар бандҳои зерин (а, б, в, г) овардашударо нишон медиҳад:

1) мавҷуд набудани маълумот дар бораи пасандоздор дар Феҳристи пасандоздорони тасдиқшуда; мувофиқ набудани маълумот дар бораи пасандоздор дар Феҳристи пасандоздорон; дар Феҳристи пасандоздорон мавҷуд набудани маълумот дар бораи шахсе, ки ҳуқуқи бе ваколатнома аз номи шахси ҳуқуқӣ амал карданро дорад;

2) ба Хазина пешниҳод накардан ё нопурра пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳое, ки дар бандҳои 20 ва 21 Тартиб пешбинӣ шудаанд ва ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулии суғуртаро тасдиқ менамоянд, ё ин ки пешниҳоди ҳуҷҷатҳои нодуруст ба расмият даровардашуда;

3) пешниҳод накардани маълумот оид ба суратҳисоби дахлдори бонкӣ, ки ба он маблағи ҷубронпулӣ бояд интиқол дода шавад;

4) аз ҷониби пасандоздор - соҳибкори инфиродӣ, пешниҳод накардани мушаххасоти суратҳисоби бонкии барои фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда ҷиҳати пардохти ҷубронпулӣ.

5) бо талаби пардохти ҷубронпулӣ муроҷиат намудани намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқи бе ваколатнома аз номи ин шахси ҳуқуқӣ амал карданро дорад, агар тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқии мазкур пешбинӣ шуда бошад, ки ваколати аз номи он амал кардан ба якчанд шахсоне, ки якҷоя амал мекунанд, дода шуда бошад ва дар ин бора маълумот дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ мавҷуд бошад.

Ному насаб, ва имзои шахси масъул:

Сана:

**Замимаи 6**
ба Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон
ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ

## Намунаи ариза барои пуркунӣ дар ҳолати муроҷиати аризадиҳанда бо арзу шикоят доир ба масъалаи пардохти ҷубронпулӣ

| | |
|---|---|
| Номи Бонк-агент | |
| Номи ташкилоти қарзии барҳам додашуда | |
| Ному насаби пурраи аризадиҳанда | |
| Аризадиҳанда пасандоздор аст /намояндаи пасандоздор аст/меросгир аст/намояндаи қонунии пасандоздор аст/вориси ҳуқуқӣ аст/мудири аз тарафи суд таъиншуда аст (заруриро нишон диҳед) | |
| Мақоми пасандоздор: шахси воқеӣ/соҳибкори инфиродӣ/шахси ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд/ташкилоти ғайритиҷоратӣ (заруриро нишон диҳед) | |
| Рақам аз рӯи Феҳристи пасандоздор (агар маълумот оиди пасандоздор дар Феҳрист оварда шуда бошад) | |
| Рақамҳои телефонии пасандоздор/намояндаи пасандоздор (корӣ, хонагӣ, мобилӣ) | |
| Шаҳр (макон) ва рақами/суроғаи воҳиди сохтории Бонк-агент, ки дар он ҳолати баҳсталаб ба вуқуъ омад | |
| Санаи муроҷиати аризадиҳанда ба воҳиди сохтории Бонк-агент | |
| Муҳтавои шикоят | |
| Маълумоти иловагӣ | |
| Ҷавоби Бонк-агент | Санаи ҷавоб. Матни ҷавоб. |

Шахси масъули Бонк-агент_________________ /_______Ном ва насаб_________/

**Замимаи 7**
ба Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон
ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ

**Ба Хазинаи суғуртаи амонату**
**пасандозҳои Тоҷикистон**

**АРИЗА**
**барои тамдиди мӯҳлати пешниҳоди дархост барои**
**гирифтани ҷубронпулии суғурта**

***Аз тарафи пасандоздор пур карда мешавад:*** *(пасандоздоре, ки маълумот дар бораи ӯ дар Феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта мавҷуд аст)*

Ман, _______________________________________________
(ному насаби пурраи пасандоздор (тибқи шиноснома)

_______________________________________________
(ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият (рақам, сана ва аз ҷониби кадом мақомот дода шудааст), рақами РМА)

_______________________________________________,
(суроға ва телефон барои тамос)

***Аз тарафи аризадиҳанда пур карда мешавад:*** *(намояндаи пасандоздор тибқи ваколатнома/намояндаи қонунӣ/меросгир/дигар шахс, ки ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулии суғуртаро дошта бошад)*

Ман,_______________________________________________
(ному насаби пурраи аризадиҳанда (тибқи шиноснома)

дар асоси ҳуҷҷати зерин амал менамоям,_______________________
(номгӯи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулӣ)

_______________________________________________

_______________________________________________
ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти аризадиҳанда (рақам, сана ва аз ҷониби кадом мақомот дода шудааст, рақами РМА)

_______________________________________________

_______________________________________________,
(суроға ва телефон барои тамос)

ки аз номи пасандоздор_______________________________
(ному насаби пурраи пасандоздор (тибқи шиноснома)

_______________________________________________
(ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти пасандоздор (рақам, сана ва аз ҷониби кадом мақомот дода шудааст, рақами РМА)

_______________________________________________,
(суроға ва телефон барои тамос)

Хоҳиш мекунам, ки ба ман мӯҳлати пешниҳоди дархостро барои гирифтани ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандози дар ташкилоти қарзии бархамхӯрдаи _______________________ суғурташуда, тамдид намоед.
(номи пурраи ташкилоти қарзии барҳамхӯрда)

Асос барои пешниҳоди аризаи мазкур барои тамдиди мӯҳлати пешниҳоди дархост барои гирифтани ҷубронпулӣ (*яке аз ҳолатҳои зеринро, ки пасандоздор имконияти сари*

*вақт мурочиат карданро барои гирифтани ҷубронпулии суғурта надошт, бо аломати «✓» интихоб намоед):*

| | |
|---|---|
| Пасандоздор мубталои бемории ҷисмонӣ ё рӯҳӣ гаштааст<br>Ҳолатҳои фавқулоддае, ки пасандоздор барои муроҷиат кардан ҷиҳати гирифтани ҷубронпулии суғурта имкон надошта бошад, аз ҷумла:<br>ба хизмати ҳарбӣ рафтани пасандоздор | ☐<br>☐ |
| воқеъ будани пасандоздор берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ | ☐ |
| қабули мероси пасандоздор ва дигар сабабҳои бо бадастории мерос ё кушодани мерос алоқаманд | ☐ |
| воқеъ будани пасандоздор дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ | ☐ |
| дигар ҳолати фавқулоддае, ки аз тарафи суд муқаррар шудааст | ☐ |

Ҳуқуқи талаби худро ба ташкилоти қарзии барҳамхӯрда тибқи асоси зикршуда барои пешниҳоди ариза бо ҳуҷҷатҳои зерини замимагардида тасдиқ менамоям:_______________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

____________________________и
имзо

«___» _______________ 20____ сол
санаи имзо

**Аз тарафи Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон пур карда мешавад:**

_______/____________/20____ сол ________________________________________
санаи қабули ариза ва ҳуҷҷатҳо ном у насаб ва имзои корманди масъул